**“ТАСДИҚ МЕКУНАМ”**

Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, доктори илмҳои таърих, профессор Ибодуллозода Аҳлиддин Ибодулло ____________

“27” январи соли 2023

## ТАҚРИЗИ

муассисаи пешбар - Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба диссертатсияи Худойназаров Меҳрожидин Ашӯрович дар мавзӯи “Шартҳои педагогии истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01– педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) пешниҳод шудааст.

*Муҳиммияти мавзӯи диссертатсия* вобаста ба шароит ва рушди ҷомеаи муосир, раванди азнавсозии низоми омодагии омӯзгорони оянда зарурат ва аҳамияти хоса касб кардааст.

Дараҷа ва сатҳи рушди маориф яке аз муҳимтарин зернизомҳои иҷтимоӣ, нишонаи умумии низом дар ҷомеа ба ҳисоб меравад. Таҷрибаи пешқадами давлатҳои мутараққӣ ва кишварҳои дар ҳолати рушдбуда, ки дар давраҳои гуногуни таърихи худ вазъиятҳои таърихиро гузарониданд, нишон медиҳад, ки рушди босуръат ва муваффақонаи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ аз дуруст ба роҳ мондани сиёсат ва стратегияи рушди маориф ба даст меояд, ки афзалиятнокии сармоягузорӣ дар сиёсати давлатро собит месозад.

Бинобар ин, мақсад, мундариҷа ва шартҳои педагогии истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҷдиди назар қарор гирифта, дар низоми таҳсилоти олии

касбӣ, аз ҷумла дар роҳандозӣ кардани муносибати босалоҳият ислоҳоти ҷиддӣ амалӣ карда мешавад.

Бояд зикр кард, ки дар шароити бамиёномада талаботи иҷтимоӣ ба ташкили корҳои мақсаднок оид ба ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар асоси истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим ба вуҷуд меояд. Нуктаи мазкур дар санадҳои меъёрию ҳуқуқии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба монанди Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» (2013), «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва баъд аз муассисаи олии касбӣ» (2003), «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2030» (2020) ва ғайра махсус таъкид карда шудааст.

Тазаккур бояд дод, ки чунин тарзи масъалагузорӣ дар худ аҳамият ва арзишмандии махсусро фаро гирифта, барои ҳалли бисёр масъалаҳои раванди технологияи ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар асоси истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим мусоидат карда метавонад.

Аз ин лиҳоз, интихоби мавзӯъ ва коркарди илмии он аз тарафи Худойназаров Меҳрожидин Ашӯрович дар марҳилаи кунунии рушди маориф ва илми педагогика хеле ҷолиби диққат буда, ба таҳқиқоти мубрам ва доғи рӯз маҳсуб будани он далолат медиҳад.

*Навгониҳои илмии таҳқиқот* муносибати махсуси тавзеҳи мавзӯи мавриди омӯзиш ва таҳлилро ифода мекунад, ки асоси методологияи самараноки гузаронидани таҳқиқоти ба ин монандро таъмин менамояд ва дар нуктаҳои зерин пешниҳод карда шудаанд:

–амсилаи педагогии истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таҳия ва коркард шудааст;

–шартҳои педагогии истифодаи технологияи инноватсионии таълим дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ муайян карда шуд;

–меъёрҳову сатҳи ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар асоси истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим таҳия шуданд;

–шаклу усулҳои асосӣ ва воситаҳои истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудааст.

*Саҳеҳият ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот* дар диссертатсия ба он асос меёбад, ки ҳамбастагии мақсаду вазифаҳои пешниҳодшуда, методҳои истифодашудаи таҳқиқот ба муаллиф имконият додааст то натиҷаҳои асосноки воқеиро тавассути санҷиши таҷрибавӣ-змоишии фарзия ва таҷрибаи шахсиаш ба сифати педагог ба даст оварад.

Омӯзиш ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқоти диссертант ба таври зайл пешниҳод карда мешавад:

*Натиҷаҳои асосии таҳқиқот ва хулосаҳо* аз тарафи диссертант дар шакли маърӯзаву муаррифиҳо дар конференсияҳои сатҳашон ҷумҳуриявӣ ва байналхалқии назариявӣ ва амалии Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ш. Панҷакент, МДТ «ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров» пешниҳод гардидаанд. Натиҷаҳои таҳқиқот дар конференсияҳое, ки дар ш. Душанбе, ш.Хуҷанд, ш. Панҷакент баргузор шуданд, ироа гардидаанд. Мӯҳтаво ва мундариҷаи асосии диссертатсия дар 8 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 3 мақолаи илмии дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз тарафи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маорифи ФР ба кайдгирифта шудааст, инъикос ёфтаанд.

Оиди аҳамияти назариявии таҳқиқот он нуктаро зикр кардан зарур аст, ки натиҷаҳои баъди таҳқиқоти мазкур ба даст омада дар ҷанбаи ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон саҳми муайян мегузоранд, кадоме, ки ба рушди сифатҳои шахсияти хонанда нигаронида шудааст, мафҳумҳои асосии «ҷаҳонбинии илмӣ» ва принсипи сохтори ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагонро пурра месозад. Сохтори илмии ташаккули ҷаҳонбинии

хонандагони МТМУ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба самаранокии корҳои назариявӣ оид ба ташаккули ҷаҳонбинии хонандагон мусоидат мекунад.

*Арзиши амалии корӣ* таҳқиқоти мазкур дар он аст, ки:

–маводҳои дидактикӣ дар шакли адабиёти электронӣ, модули ҷадвалии истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон омода карда шудааст;

–дастурҳои методӣ оид ба истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон дар раванди таълим таҳия шудаанд;

–натиҷаҳои ҳосилшуда метавонад чун базаи иттилоотӣ барои таҳияи монография ва дастурҳои таълимӣ-методӣ аз рӯи мавзӯи марбут ба ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон ҳангоми истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим истифода шаванд.

*Сохтори диссертатсия* аз муқаддима, ду боб, хулоса, феҳристи адабиёт иборат мебошад. Мазмуни таҳқиқот дар 168 саҳифаи чопи компютерӣ ҷойгир карда шудааст. Феҳристи адабиёт аз 190 номгӯй иборат мебошад.

Боби якуми диссертатсия “Асосҳои методологӣ ва назариявии истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар рушди ҷаҳонбинии илмии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ” номгузорӣ шуда, масъалаҳои моҳият ва мӯҳтавои технологияҳои инноватсионӣ дар раванди таълими муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ; асосҳои назариявӣ ва хусусиятҳои рушди ҷаҳонбинии илмии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ; сохтори мӯҳтавоии амсилаи истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дар рушди ҷаҳонбинии илмии хонандагон баррасӣ гардидаанд. Дар натиҷаи омӯзиш ва таҳлили адабиёти сершумори марбут ба мавзӯъ, муаллиф имконият пайдо намудааст, ки асосҳои илмӣ-назариявӣ ва методологии ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон, мавқеъ ва нақши омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии муосирро дар рушди ҷаҳонбинии илмии хонандагон бо истифодаи

технологияҳои инноватсионии таълим муайян намояд ва хулосаҳои асоснок ва пояи муҳими илмиро таҳқиқ кунад.

Дар боби дуюми рисола “Технологияи педагогии рушди ҷаҳонбинии илмии хонандагон тибқи истифодаи технологияи инноватсионии таълим” номгузорӣ шудааст, ба таҳқиқи масъалаҳои таҳия ва истифодаи китоби электронӣ чун воситаи самараноки технологияҳои инноватсионии таълим дар рушди ҷаҳонбинии илмии хонанда; ҷанбаи муҳтавоии истифодаи самараноки модулҳои ҷадвалӣ дар рушди ҷаҳонбинии илмии хонандагон; самаранокии муҳтавои кори таҷрибавӣ-санҷишӣ оид ба рушди ҷаҳонбинии илмии хонандагон дар асоси истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар ҷараёни дарсҳо ва арзёбии натиҷаҳои он бахшида шудааст. Дар ин боби рисола аз тарафи муаллиф дар раванди кори таҷрибавию озмоишӣ шароит ва омилҳои ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон бо истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар асоси дохилкунӣ ва истифодаи шароитҳои педагогии мутаносиб муайян шудааст ва ҳадафи озмоиш гардидааст. Дар асоси ин, бо мақсади ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон бо истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар раванди таҳсилот муаллиф оид ба ворид намудани амсилаи истифодаи технологияҳои инноватсионии таълимро барои ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон таҳия ва пешбарӣ гардидааст, ки онро ҳамчун навгонии илмӣ ва коркарди усулҳои нави самараноки ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон ва ноил шудани онҳо ба ҳадафҳои муваффақ дар низоми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ номбар кард. Бо коркарди бевоситаи муаллиф шаклу усулҳои асосӣ ва воситаҳои истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таҳия ва роҳандозӣ гардидааст.

Унвонҷӯ Худойназаров Меҳрожидин Ашӯрович дар раванди гузаронидани корҳои таҳқиқотӣ худро ҳамчун муҳаққиқи қобилиятнок ва мустақил муаррифӣ карда тавонистааст. Таҳқиқоти пешниҳодшуда

барои ташаккул ва рушди бархӯрди нав дар истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ метавонад мусоидат намояд ва натиҷаҳои санҷишу таъйиди таҳқиқот дурустии нуктаҳои асосии назариявии онро тасдиқ мекунад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Муҳтавои асосии диссертатсия, ҳамчунин натиҷаҳои таҳқиқот дар шакли маърӯзаву муаррифиҳо дар конференсияҳои сатҳашон ҷумҳуриявӣ ва байналхалқии назариявӣ ва амалии Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ш. Панҷакент, МДТ «ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров» пешниҳод гардиданд. Натиҷаҳои таҳқиқот дар конференсияҳое, ки дар ш. Душанбе, ш.Хуҷанд, ш. Панҷакент баргузор шуданд, ироа гардидаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия.** Мӯҳтаво ва мундариҷаи асосии диссертатсия дар 8 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 3 мақолаи илмии дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз тарафи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маорифи ФР ба қайдгирифта шудааст, инъикос ёфтаанд.

**Эрод ва камбудиҳои таҳқиқот.**

Бояд зикр намуд, ки дар баробари вуҷуд доштани натиҷаҳои арзишманд ва дастовардҳои илмии назаррас, дар рисола баъзе камбудиҳо ва норасоиҳо ба назар мерасанд, ки ба эътибор гирифтани он ба андешаи мо, барои боз ҳам баланд бардоштани сифати рисола кӯмак мерасонад. Аз ин рӯ, мехостем онҳоро ба таври зайл пешниҳод намоем:

1. Дар рисола таҳлили хуби тадқиқотҳои олимони хориҷӣ оиди мавзуи таҳқиқшаванда дода шудааст, лекин дар ҳолати муфассалтар овардани таҳлили адабиётҳои олимони ватанӣ оиди ин масъала ба нафъи кор мебуд;
2. Бо мақсади муқоиса истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон таҷрибаҳои пешқадами

муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ оид ба масъалаи мазкур оварда мешуд аз манфиат холӣ намебуд;

3. Ба фикри мо, агар унвонҷӯ дар матни диссертатсия баъзе ноқисиҳои услубии аз диди меъёрҳои забонӣ мавҷударо ислоҳ мекард, сифати кор хуб ва мутолиаи ин ба оммаи васеи омӯзгорон ҷолибтар мегардид.

Нуктаҳои дар боло зикршуда аз диди илмию таҳқиқотӣ ба мухтаво, мазмун ва мундариҷаи асосии диссертатсия таъсиррасон нестанд.

**Хулоса.**

Дар умум, муаллиф ҳадафҳои гузошташудаи таҳқиқотро пурра ҳал намудааст. Хулосаҳо тибқи вазифаҳои дарназаргирифтаи таҳқиқот асоснок шуда, мундариҷаи рисола мутобиқи назари мантиқӣ шакл гирифтааст ва муаллиф дорои қобилияти хуби илмофарӣ мебошад. Натиҷаҳои боэътимод, хулосаҳои назариявӣ ва асоснокии корҳои озмоишӣ, ки аз тарафи муаллифи рисола басо дар сатҳи зарурии пойгоҳи илмӣ ба даст оварда шудааст аз моҳияти баланди арзиши илмӣ доштани диссертатсияи тақризшаванда гувоҳӣ медиҳад.

Натиҷаҳои илмии рисола барои рушди назария ва амалияи илми педагогика саҳми назаррас мегузоранд.

Мазмуну муҳтавои автореферат бо фишурдаҳои он, ки бо ду забон: тоҷикӣ ва русӣ дар автореферат интишор гардидаанд, мувофиқати комил бо мундариҷаи рисола дошта, моҳияти корро якҷоя бо интишороти муаллиф пурра инъикос мекунанд.

Аз ҷиҳати моҳият ва мазмун диссертатсияи Худойназаров М.А. ба шиносномаи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мувофиқ аст.

Дар умум, диссертатсияи Худойназаров Меҳрожидин Ашӯрович дар мавзуи “Шартҳои педагогии истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, кори таҳқиқотии мустақилона анҷомёфтаи илмиву тахассусӣ буда, ба

талаботи Низомномаи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ”- и КОА- и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ гардидааст, комилан ва пурра ҷавобгӯй буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01-педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) шоиста аст.

Диссертатсия дар семинари илмӣ-назариявии кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ бо иштирок ва баромади унвонҷӯ баррасӣ ва муҳокима гардида, бо овоздиҳии кушоди кулли иштирокчиён тақризи мазкур тасдиқ карда шуд (қарори ҷаласаи кафедра №06/1 аз 25.01.2023).

Тақриз аз тарафи номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Наимов Зариф Ҷомиевич омода карда шудааст. ________________

Раиси ҷаласа:

н.и.п., дотсент Сатторов Асрор Қаххорович ________________

Роҳбари семинари илмӣ-назариявии кафедра:
н.и.п., дотсент Самиев Тохир Абдусамадович ________________

Ташхисгар (эксперт):
н.и.п., дотсент Арбобова Фароғат Анваровна ________________

Котиби ҷаласа:

муаллими калон Қурбонова Ҷамолбӣ Азизовна ________________

**Маълумот барои тамос:** 734003, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдаки 121.

Телефон: +992(918)657194. www.tqpu.tj

Имзоҳои Наимов З., Сатторов А.,Арбобова Ф. ва Қурбонова Ҷамиларо тасдиқ мекунам:

Мудири РК ва КМ-и ДДОТ
ба номи С. Айнӣ ____________ Мустафозода Абдукарим